УДК:331.5.024.5(575.3)
ББК:65.9(2)25(2Т)
М-63

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**МИРЗОЗОДА МЕҲРИДДИНИ ШАМСУДДИН**

# ТАНЗИМИ САВДОИ ХОРИҶИИ ХИЗМАТРАСОНИҲО ДАР НИЗОМИ БИСЁРҶОНИБАИ САВДО

**А В Т О Р Е Ф Е Р А ТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади
илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси
08.00.14 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ

**Душанбе – 2021**

Диссертатсия дар кафедраи назарияи иқтисоди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Қодирзода Диловар Баҳридин,**
доктори илми иқтисод, профессор, муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Раҷабов Раҷаб Кучакович,**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Ҷумъаев Баҳовиддин Маҳмадназарович**,
номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат»

**Муассисаи тақриздиҳанда:** **Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Ҳимояи диссертатсия санаи «19» июни соли 2021, соати $11^{00}$ дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 оид ба ҳимояи диссертатсияҳои докторӣ ва номзадии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, баргузор мегардад.

Автореферат «____» ___________ соли 2021 фиристода шуд.

**Котиби илмии**
**Шӯрои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Саидмуродова М.А.**

# I. ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.** Иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият ба муваффақиятҳои беназир дар самти расидан ба рушди босуботи иқтисодӣ ноил гардидааст, ки дар он нақши умдаро ҳамроҳшавӣ ба созишномаҳои дуҷониба ва низомҳои бисёрҷонибаи танзими савдо мебозад. Тамоюлҳои наве, ки дар сохтори иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чашм мерасад ин мукаммалгардии сохтори гардиши савдои хориҷии кишвар ва болоравии ҳиссаи хизматрасониҳои байналмилалӣ дар сохтори содирот мебошад, ки савдои хизматрасониро ҳамчун самти афзалиятноки рушди фаъолияти иқтисоди берунаи кишвар муаррифӣ мекунад. Ин дар баробари худ масъалаҳои баланд бардоштани рақобатпазирии соҳаи хизматрасониро дар асоси мукаммалгардонии танзими он, на танҳо дар сатҳи миллӣ, балки сатҳи байналмилаллӣ бо мақсади дарёфти бозорҳои нав мубрам мегардонад. Гарчанде, ки узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) раванди бароматан ба бозорҳои ҷаҳониро барои савдои мол содда гардонида бошад ҳам дар савдои хизматрасонӣ як қатор монеаҳои ғайритарифӣ ҷой доранд. Ин пеш аз ҳама ба мавҷудияти фарқият дар савдои мол ва хизмат алоқаманд аст, ки дар усули танзими он таҷассум меёбад ва зарурати гузаронидани таҳқиқоти навро дар самти танзими савдои хориҷии хизматрасонӣ махсусан дар шароити узвият ба низоми бисёрҷонибаи савдо тақозо менамояд.

Дар баробари ин дар доираи "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" дар доираи "Сенарияи индустриалию инноватсионӣ" таваҷҷӯҳи махсус ба истифодаи оқилонаи имкониятҳои нави ҳамгироӣ дар доираи созмонҳои байналмилалӣ, бахусус СУС, рушди инфрасохтори транзитии кишвар, диверсификатсияи иқтисоди миллӣ аз ҳисоби афзоиши назарраси содироти хизматрасониҳо, истифодаи самараноки сармояи инсонӣ дар ин самт, имкониятҳои инфрасохтори нави транзитӣ ва долонҳои иқтисодӣ, густариши содироти хизматрасониҳои дорои арзиши баланди иловашуда ва рушди густурдаи сайёҳӣ, ҳамчун бунёди асосҳои рушди инноватсионии иқтисодиёти кишвар" дода шудааст, ки муҳиммияти мавзӯи мазкурро дучанд мегардонад.

Ҳамзамон қайд кардан зарур аст, ки дар доираи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 26.12.2019 се самти асосӣ сиёсати давлат дар соҳаҳои савдо ва хизматрасонӣ, аз қабили ҳавасмандгардонии содирот, таъмин намудани гуногуншаклии истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва соддагардонии расмиёти савдо. муқаррар карда шуда буд, ки расидан ба он коркади механизми самараноки танзими соҳаро тақозо менамояд.

Аз ин рӯ, мавзӯи кори диссертатсионии интихобгардида, ки ба масъалаҳои танзими савдои хизматрасонӣ дар низоми бисёрҷонибаи савдо бахшида шудааст дар шароити муосир хело мубрам арзёбӣ мегардад.

**Дараҷаи омӯзиши мавзӯи таҳқиқот.** Масъалаҳои танзими хизматрасонии соҳавӣ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ дар доираи созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба аз тарафи муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳқиқотҳои зиёде қарор дода шудааст. Ба омӯзиши моҳияти савдои хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон таҳқиқоти олимони ватанӣ Амонов С.Н., Ғаниев Т.Б., Каримова М.Т., Каюмов Н.К., Қодирзода Д.Б., Ҷумъаев Б.М. Ҳабибов С., Раҷабов Р.К., Рахимов Р.К., Саидмуродов Л.С., Умаров Х.У., Фақеров Ҳ.Н., Ҳабибов С.Ҳ., Шаропов Ф.Р. ва дигарон бахшида шудаанд.

Ҷанбаҳои алоҳидаи танзими савдои хизматрасонӣ дар низоми бисёрҷонибаи савдо дар асарҳои олимони рус, аз қабили Алимпиева А.С., Безпалова А.Г., Викторов С.В., Горностаева Ж.В., Данилова Е. В., Еськов В.Д., Ибрагимова Г. М., Кирюхин А. Ю., Климова Э.Н., Кокушкина И.В., Лучина Н.А., Новикова С.С., Подоба З.С., Семенова Е.С., ва дигарон баррасӣ гардидаанд.

Нақши назаррас дар коркарди назарияҳои савдои байналмилалии хизматрасонӣ, асосҳои методологӣ ва назариявии танзими савдои хизматрасонӣ чунин олимони хориҷӣ, аз қабили Браун Д., Дирдорф А., Фекетекути Г., Gronroos C., Хилл Т.П., Ҳиндлӣ В., Хоукман Б., Маркузен, Ҷ., Роберт М., Рутерфорд Т.Ф., Сапир А., Стерн Р., Тарр Д.Г., Тохами С., Уинтер С. ба роҳ мондаанд.

Аммо ба таҳқиқ ва коркардҳои илмӣ нигоҳ накарда, як қатор масоили назариявӣ ва амалӣ вобаста ба танзими савдои хизматрасонӣ дар низоми бисёрҷонибаи савдо ва баҳодиҳии таъсири озодкунии савдо ба некуаҳволии кишварҳои аъзои СУС ва мутавозингардонии таносубияти содирот ва воридот дар ҳолати баланд гардидани дараҷаи кушодии иқтисодиёт ба таври пурра таҳқиқ нашудааст ва асосноккунии равишҳои методӣ ва таҳияи васоити қабули тадбирҳои муҳофизатӣ диққати зарурии олимонро ҷалб накардааст.

Муҳимият ва зарурати ҳалли муаммоҳои дар боло зикргардида дар марҳилаи кунунии рушди савдои хизматрасонии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, дар доираи узвият ба низоми бисёрҷонибаи савдо, аз нав баррасӣ кардани нақши Созишномаи кулл оид ба савдои хизматрасонӣ (СКСХ) дар озодкунии савдои хизматрасонӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар бахши содироти хизмати байналмилалӣ ба миён меорад. Ҳамин тавр, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқи муаммоҳои зикршуда, инчунин зарурати ҷустуҷӯи роҳҳои такмил додани механизми мукаммалгардонии савдои хизматрасонӣ боиси интихоби мавзӯи диссертатсия, ҳадаф ва вазифаҳои он гардидааст.

**Заминаи методологӣ ва назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро** асарҳои олимону иқтисодчиёни ватанию хориҷӣ ташкил додаанд, ки қонуниятҳои ташаккул ва рушди савдои хориҷии хизматрасониҳоро ошкор намудаанд. Дар рафти таҳқиқот асарҳои иқтисодчиёни ватанӣ оид ба рушди савдои хориҷии хизматрасониҳо, маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои солонаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи конференсияҳои илмӣ ва семинарҳо, Интернет-захираҳо, мушоҳидаҳои шахсии муаллиф ва ғ. мавриди истифодабарӣ қарор гирифтаанд.

## ТАВСИФОТИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади кори диссертатсионии мазкурро асосноксозии назариявии муқаррароти консептуалии воситаҳои танзими савдои хориҷии хизматрасониҳо дар шароити узвияти Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар низоми бисёрҷонибаи савдо ва коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба мукаммалгардонии механизми иқтисодии истифодабарии он ташкил медиҳад.

**Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсиониро** асосҳои назариявӣ-методологӣ ва методии баҳодиҳии рушди савдои хориҷии хизматрасониҳо дар шароити иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи низоми бисёрҷонибаи савдо ташкил медиҳад.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ** савдои хизматрасониҳо ҳамчун бахши фаъолияти иқтисоди хориҷии кишвар ба шумор меравад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба ҳадафи гузошташуда дар диссертатсия вазифаҳои зерин таҳия гардида, ҳал карда шудаанд:

- омӯзиш ва дақиқсозии масъалаҳои назариявии танзими савдои хизматрасонӣ дар низоми бисёрҷонибаи савдо;
- муайян кардани равишҳои муосири таҳқиқи нақши воситаҳои ғайритарифӣ дар танзими савдои хизматрасонӣ ва омӯзиши таҷрибаи хориҷии танзими савдои хизматрасонӣ дар шароити низоми бисёрҷонибаи савдо;
- асосноксозии механизми институтсионалии танзими савдои хизматрасониҳо дар шароити иштироки он дар низоми бисёрҷонибаи савдо;
- арзёбии вазъи муосир ва тамоюли рушди савдои хизматрасонӣ ва коркарди чораҳо оид ба мукаммалгардонии сохтори он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- пешниҳоди роҳҳои асосии баланд бардоштани рақобатпазирии содироти хизматрасониҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иштирок дар низоми бисёрҷонибаи савдо;
- коркарди тавсияҳои методӣ ва амалиявӣ оид ба такмил додани механизми рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ оид ба танзими савдои хизматрасонӣ дар доири созишномаҳои дуҷониба, минтақавӣ ва байналмилалӣ.

**Усулҳои таҳқиқот**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар заминаи истифодаи усулҳои умуми илмӣ, таърихӣ, таҳлил, муқоиса, умумиятдиҳӣ, синтез, таҳияи хулосаҳои мантиқӣ, моделсозӣ ва пешниҳод кардани фарзияҳо ва усулҳои ташхис анҷом дода шудааст. Аз ҷумла, усулҳои иҷтимоӣ-иқтисодии маркетингӣ барои муайянсозии хусусиятҳои рушди савдои хориҷии хизматрасониҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иштироки он дар созишномаҳои бисёрҷониба истифода карда шудаанд.

**Соҳаҳои таҳқиқот.** Тадқиқоти диссертатсионӣ дар доираи ихтисосҳои 08.00.14 - Иқтисодиёти ҷаҳон гузаронида шудааст, мутобиқ ба соҳаи тадқиқоти Шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии (КОА) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (илмҳои иқтисодӣ) ба иҷро расонида шудааст: 10.4. Сиёсати давлатӣ, механизмҳо, методҳо ва технологияҳои таҳия ва татбиқи он; 10.9. Ташкилот ҳамчун объекти идоракунӣ; 10.10. Лоиҳакашии системаи идоракунии ташкилот. Шаклҳои нави амалкунанда ва инкишофи системаи идоракунии ташкилот. Системаҳои иттилоотӣ дар идоракунии ташкилот. Сифати идоракунии ташкилот. Методологияи инкишофи бизнесравандҳо. Инкишофи методология ва методҳои идоракунии системаи инноватсионии корпоративӣ; 10.11. Ҷараёни идоракунии

ташкилот, зерсистемаҳо ва функсияҳои алоҳидаи он; 10.12. Арзёбии идоракунии ташкилот ҳамчун системаи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ. Меъёри арзёбии самаранокии идоракунӣ. Методҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии натиҷабахшии идоракунӣ. 10.15. Менеҷменти стратегӣ, методҳо ва шаклҳои амалисозии он; 10.19. Кадрҳои идоракунӣ: нақш ва мақоми онҳо дар системаи идоракунӣ.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Марҳилаҳои таҳқиқот солҳои 2015-2020 – ро фаро мегиранд.

**Пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот.** Кори диссертатсионӣ дар кафедраи назарияи иқтисоди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро карда шудааст.

Пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқотро санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти тиҷоратӣ берунӣ, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва корхонаҳои бахши хизматрасонӣ, ки ба содирот нигаронида шудаанд, ташкил менамоянд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ.** Бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ манзур карда шудаанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз такмил додани асосҳои консептуалии танзими савдои хориҷии хизматрасонӣ дар низоми бисёрҷонибаи савдо иборат мебошад. Натиҷаҳои назарраси таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки навгонии илмиро инъикос мекунанд ва мазмуну мундариҷаи диссертатсияро ошкор менамоянд, инҳо мебошанд:

- ҷанбаҳои назариявии танзими савдои хизматрасонӣ дар низоми бисёрҷонибаи савдо мавриди омӯзиш қарор гирифта, хусусиятҳои хоси танзими савдои хизматрасонӣ муқаррар, масъалаҳои байналмилалишавии он ошкор ва омилҳои ба он таъсиррасон муайян карда шудаанд. Таърифи савдои хизматрасонӣ ҳамчун фаъолияти мақсадноки таҳвилкунандаи як давлат барои қонеъ намудани талаботҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии давлати дигар, ки натиҷаи он самараи манфиатнок дошта, объекти хариду фурӯш дар шакли неъмати ғайримоддӣ ба шумор меравад, пешниҳод карда шудааст;

- равишҳои муосири таҳқиқи нақши воситаҳои ғайритарифӣ дар танзими савдои хизматрасонӣ таҳқиқ карда шуда, хусусиятҳои танзими савдои хизматрасонӣ дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ, соҳавӣ ва байналмилалӣ бо дар назардошти болоравии нақш ва мавқеи савдои хизматрасонӣ дар рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ ошкор, тадбирҳои табъизӣ ва ғайри табъизии танзими савдои хизматрасонӣ гурӯҳбандӣ карда шуда, нақши СКСХ/СУС дар бартараф намудани онҳо асоснок карда шудааст. Дар асоси таҷрибаи хориҷӣ зарурати ҳифзи соҳаҳои алоҳидаи бахши хизматрасонӣ дар давлатҳои рӯ ба тараққӣ ва таҳияи механизми дастгирии бозори дохилии хизмат, қабули чораҳои таъсиррасон ба амалиётҳои байналмилалии хариду фуруши

хизматрасонӣ, тарҳрезии сиёсати самараноки савдо дар бахши хизматрасонӣ асоснок карда шудааст;

- вазъи муосир ва тамоюли рушди бахши хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои рушди соҳа арзёбӣ карда шуда, мухолифатҳои эҷодкунандаи монеа дар ташаккул ва рушди шаклҳои муосири хизматрасониҳои байналмилалӣ ошкор карда шуда, чорабиниҳо оид ба мукаммалгардонии сохтори бозори мазкур ба воситаи такмил додани механизми танзими давлатии он пешниҳод карда шудаанд;

- механизми институтсионалии танзими савдои хориҷии хизмат дар шароити иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми бисёрҷонибаи савдо пешниҳод гардида, бо дар назардошти болоравии моҳият ва нақши савдои хизматрасонӣ дар рушди иқтисодиёти Тоҷикистон воситаҳои мустақим ва ғайримустақими танзими он дар сатҳи миллӣ дақиқ карда шуда, зарурати таъсиси фазои мусоиди савдои хизматрасонӣ асоснок карда шудааст, ки метавонад истифодаи самараноки захираҳои мавҷударо барои рушди соҳа кафолат диҳад;

- роҳҳои асосии баланд бардоштани рақобатпазирии содироти хизматрасониҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси арзёбии бартарияти муқоисавии ошкоргардидаи он дар бахши содиротии хизматрасониҳои байналмилалӣ дар шароити узвият ба низоми савдои бисёрҷониба пешниҳод карда шудаанд. Собит карда шудааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар содироти хизматҳои нақлиётӣ ва хизматрасониҳои ба молҳо алоқаманд нисбатан бартарияти рақобатии ошкоргардида дорад.

- тавсияҳои методӣ ва амалӣ оид ба такмил додани механизми рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ оид ба танзими савдои хизматрасонӣ дар доираи созишномаҳои дуҷониба, минтақавӣ ва байналмилалӣ дар асоси татбиқи ӯҳдадориҳои созмони умумиҷаҳонии савдо пешниҳод карда шудаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар он таҷассум меёбад, ки муқаррароти назариявӣ-методологӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда ҳангоми мукаммалсозии механизми танзими савдои хизматрасонӣ дар шароити иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми бисёрҷонибаи савдо истифода шуда метавонанд. Муқаррарот ва пешниҳодоти диссертатсияро ҳангоми мукаммлгардонии механизми танзими савдо аз тарафи вазоратҳо, мақомотҳо ва идораҳои танзимкунандаи соҳаҳои алоҳидаи хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намудан мумкин аст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот**. Аҳамияти амалии кор дар имконияти истифода шудани натиҷаҳои илмии бадастомада аз тарафи мақомоти давлатии танзимкунандаи савдои хориҷии хизматрасониҳо, ҳангоми коркард ва таҳияи сиёсати савдои хориҷӣ дар бахши хизматрасонӣ ва қабули консепсияҳои миллӣ дар соҳаи ҳавасмандагардонии рушди хизматрасонии байналмилалӣ, ҳамчунин истифодаи он ба ҳайси маводи лексионӣ таҷассум меёбад.

Тавсияҳои асосии дар асоси таҳқиқоти гузарондашуда таҳиягардида, дар фаъолияти амалии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҳангоми арзёбии таъсири узвияти мамлакат ба СУС, инчунин ба рушди савдои хизматрасониҳои байналмилалӣ татбиқ карда шуданд.

**Муқаррароти асосии таҳқиқот, ки ба дифоъ пешниҳод мешаванд:**

- масъалаҳои назариявии танзими савдои хизматрасонӣ дар низоми бисёрҷонибаи савдо мавриди омӯзиш қарор гирифта, таърифи савдои хизматрасонӣ пешниҳод карда шудааст.
- равишҳои муосири таҳқиқи нақши воситаҳои ғайритарифӣ дар танзими савдои хизматрасонӣ таҳқиқ карда шуда, хусусиятҳои танзими он ошкор карда шудааст.
- механизми институтсионалии танзими савдои хизматрасониҳо дар шароити иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми бисёрҷонибаи савдо пешниҳод гардидааст;
- вазъи муосир ва тамоюли рушди бахши хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ карда шуданд;
- роҳҳои асосии баланд бардоштани рақобатпазирии содироти хизматрасониҳои байналмилалӣ пешниҳод карда шудаанд;
- тавсияҳои методӣ ва амалиявӣ оид ба такмил додани механизми рушди танзими савдои хориҷии хизмат дар доираи созишномаҳои дуҷониба, минтақавӣ ва бисёрҷониба пешниҳод карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаб.** Кори диссертатсионӣ натиҷаи кори мустақилонаи илмии муаллиф буда, муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар кори диссертатсионӣ таҳия ва асоснокшуда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар асоси гузаронидани таҳқиқи амалияи рушди савдои хизматрасониҳои байналмилалӣ анҷом дода шудаанд. Қисми таҳлилии диссертатсия дар асоси коркарди маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, арзёбии уҳдадориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи созмонҳои байналмилалӣ, инчунин таҳқиқи рақобатпазирии содироти хизматрасониҳои байналмилалӣ, ки аз ҷониби муаллиф гузаронида шуда буданд, анҷом дода шудааст.

**Таъйиди (апробатсияи) натиҷаҳои таҳқиқот.** Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар намуди маърӯзаҳо дар конфронсҳои илмӣ, ҳамоишҳо ва семинарҳои донишкадавӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ баррасӣ гардидаанд.

Муқаррароти алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсиониро дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми тадриси донишҷӯён аз рӯйи фанҳои “Иқтисодиёти ҷаҳон”, “Сиёсати савдои хориҷӣ” “Савдои байналмилалии хизмат” ва ғайраҳо истифода намудан мумкин аст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия.** Доир ба мавзӯи диссертатсия муаллиф 7 кори илмӣ нашр кардааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 4.2 ҷ.ч., аз ҷумла, 5 мавод дар нашрияҳои тақриздиҳандае мебошад, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст.

**Сохтори таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Рисола аз муқаддима, се боб, нуҳ савол, хулоса ва феҳрасти адабиёти истифодашуда иборат аст, ки дар 169 саҳифа иншо шуда, 15 ҷадвалу 7 расм дорад. Рӯйхати адабиёт 184 номгӯйро дар бар мегирад.

## МУНДАРИҶАИ БОБҲО ВА ЗЕРБОБҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Дар муқаддима, муҳиммияти мавзӯи тадқиқот асоснок карда шуда, масъалагузорӣ мавҷуд аст, мақсад ва вазифаҳо нишон дода шуда, объект ва предмети таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии он асоснок гардидаанд.

**Дар боби якум «Асосҳои назариявии таҳқиқи хусусиятҳои танзими савдои хориҷии хизмат дар низоми бисёрҷонибаи савдо»** асосҳои назариявии муқаррарсозии мафҳум ва моҳияти савдои байналмилалии хизмат дар низоми бисёрҷонибаи савдо мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, воситаҳои танзими савдои хориҷии хизмат дар доираи низоми бисёрҷанбаи савдо муқаррар ва таҷрибаи хориҷии танзими савдои хизмат дар доираи низоми бисёрҷонибаи савдо арзёбӣ карда шудааст.

**Дар боби дуюм «Арзёбии вазъи муосир ва тамоюли мукаммалгардонии танзими савдои хориҷии хизмат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** механизми институтсионалии танзими савдои хориҷии хизмат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, вазъи муосир ва проблемаҳои инкишофи савдои хориҷии хизмат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ карда шудааст, ҳамчунин баҳодиҳии ӯҳдадориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши савдои хориҷии хизмат дар доираи низоми бисёрҷонибаи савдо ба роҳ монда шудааст.

**Дар боби сеюм “Самтҳои асосии мукаммалгардонии танзими савдои хориҷии хизмат дар шароити узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми бисёрҷонибаи савдо”** арзёбии шохаҳои муайянкунандаи рақобатпазирии содироти хизматрасонии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити узвият ба низоми бисёрҷонибаи савдо ба роҳ монда шуда, самтҳои стратегии рушди савдои хориҷии хизмат дар шароити узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми бисёрҷонибаи савдо дақиқ ва мукамалгардонии механизми танзими савдои хориҷии хизмат дар доираи низомҳои минтақавӣ ва бисёрҷонибаи савдо ошкор карда шудааст.

**Дар хулосаҳо** натиҷаҳои асосии тадқиқоти диссертатсионӣ баён карда шудаанд.

## II. МАЗМУНИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Муқаррароти якуме, ки барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад аз омузиши масъалаҳои назариявии танзими савдои хизматрасонӣ дар низоми бисёрҷонибаи савдо ва пешниҳоди таърифи савдои хизматрасонӣ иборат мебошад.**

Дар шароити ҷаҳонишавӣ нақш ва мавқеи савдои байналмилалии хизматрасонӣ дар ташаккул ва рушди муносибатҳои хоҷагидорӣ амиқ гардида истода ба яке аз омилҳои муҳими ноил гардидан ба рушди иқтисодӣ мубаддал гардидааст. Савдои байналмилалии хизмат ба давлатҳо имконият фароҳам овард, ки таъминоти тақозои дохилии истеъмолкунандагонро бо дастёбӣ ба шаклҳои муосири хизматрасониҳои байналмилалӣ беҳтар қонеъ намоянд. Дар баробари ин, рушди савдои байналамилалии хизмат имконияти интихоби субъекти пешкашкунандаи хизматро байни ширкатҳои ватанӣ ва хориҷӣ васеъ гардонида омили муҳими болоравии маҳсулнокӣ меравад, ки

дар умум ба рушди махсусгардонии байналмилалии истеҳсолот ва болоравии бартарияти рақобатии давлат дар арсаи байналмилалӣ мусоидат менамояд. Воридот ва содироти хизмат дар навбати худ ифодакунандаи воситаи ташаккулёбии симои мусоиди кишвар дар хориҷи кишвар буда барои рушди ҳамкориҳо шароитҳои иловагӣ фароҳам месозад.

Дар диссертатсия зикр мегардад, ки агар лағвкунии пурраи монеаҳо дар самти савдои хизматрасонӣ ба рушди савдо ва некуаҳволии умумӣ дар иқтисодиёти ҷаҳон оварда расонад, аз тарафи дигар дар сатҳи миллӣ зарур аст мувозинатии байни болоравии имконпазири маҳсулнокӣ ва дигар ҳадафҳои стратегии рушди иқтисодиёти миллӣ, аз қабили таъмини амнияти иқтисодӣ ва дастгирии истеҳолкунандагони ватанӣ нигоҳ дошта шавад, ки дар он нақши танзими савдои хизматрасонӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Диссертант дар асоси гузаронидани таҳқиқоти асосҳои назариявии мафҳуми хизматрасониҳои байналмилалӣ пешниҳод намуда, хусусият ва тамоюли бозори ҷаҳонии хизматрасонӣ ва ҷанбаҳои гуногуни танзими бисёрҷонибаи савдои хориҷии хизматрасониро ошкор кардааст.

Дар кори илмии диссертант фарқияти асосии савдои хориҷии хизматрасонӣ аз савдои байналмилалии мол ва омилҳои таъминкуннадаи рушди он муқаррар карда шуда, нақши онҳо дар самаранок истифода намудани захираи молиявӣ, меҳнатӣ ва технологии давлат асоснок карда шудааст.

Дар асоси таҳқиқи имконияти истифодаи назарияҳои классикии савдои мол дар савдои хориҷии хизматрасонӣ зарурати таҳияи назарияҳои нави савдои хориҷии хизматрасонӣ вобаста ба хусусиятҳои хоси хизматрасонӣ ва махсусгардонии давлатҳо дар истеҳсолоти он асоснок карда шудааст, ки дар он хусусиятҳои иловагии дастгирии соҳаи хизматрасонӣ аз тарафи давлат, илмталабӣ ва доништалабии хизматрасониҳои муайян ба инобат гирифта шудаанд.

Муаллиф савдои хизматро ҳамчун - истеҳсол ва фуруши неъматҳои иқтисодиро дар шакли фаъолиятиҳои ба анҷомрасонидашуда байни истеҳсолкунандагон ва исеъмолкунандагон дар дохил ва хориҷӣ кишвар ифода менамояд, ки ба қонеъсозии тақозои субъектҳои зиёди иқтисодӣ аз қабили давлат, корхонаҳо ва аҳолӣ равона карда шудааст.

**Муқарароти дуюме, ки барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад муайянсозии равишҳои муосири таҳқиқи нақши воситаҳои ғайритарифӣ дар танзими савдои хизматрасонӣ ва омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ дар шароити низоми бисёрҷонибаи савдо ба шумор меравад.**

Дар диссертатсия хусусиятҳои танзими савдои хизматрасонӣ ошкор карда шуда, усулҳои ҳавасмандкунонии он дақиқ ва нақши он дар пешбурди фаъолияти иқтисоди берунӣ вобаста ба беҳтар қонеъ намудани тақозои дохилӣ, ба неъматҳои ғайримоддӣ бо дарназардошти таъмини сатҳи зарурии сифати он муайян карда шудаанд.

Зикр мегардад, ки савдои байналмилалии хизмат дар замони муосир рушди динамикиро ноил гардида ба иқтисодиёти миллӣ ва хоҷагии ҷаҳонӣ дар умум таъсири назарас мерасонад. Собит карда шудааст, ки амалиётҳои

байналмилалии харидуфуруши хизматрасонӣ дар тамоми давлатҳо яке аз соҳаҳои мунтазам танзимшаванда дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ берунӣ ба шумор рафта муҳимияти хосаро барои амнияти иқтисдоии миллӣ касб менамояд.

Дар кор хуссуситҳои танзими савдои хизматрасониҳо дар сатҳи байналмилалӣ, соҳавии байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллӣ ошкор карда шудаанд. Зикр мегардад, ки танзими савдои хизматрасонӣ дар сатҳи бисёрҷониба имкон медиҳад равандҳои ҳамгирой ва озодкунии бозорҳои миллии хизматрасонӣ нисбатан васеътар рушд намояд (расми 1).




**Расми 1. Хусусиятҳои танзими савдои хизматрасонӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ**

Зикр мегардад, ки тартибот ва созишномаҳои СУС қариб 90%-и савдои ҷаҳониро танзим менамояд. Дар баробари ин ошкор карда шудааст, ки принсипҳое, ки дар доираи системаи савдои Созишномаи кулл оид ба савдои хизматрасонӣ таҳия шудаанд, ҳоло нопурра мебошанд ва вобаста ба тағйирёбии сохтори итисодиёти ҷаҳон ва рушди технологияи нав дар соҳаи хизматрасонӣ ба мукаммалгардонӣ ниёз доранд.

Ба ақидаи муаллиф мукаммалгардонии сохтори Созишномаи кулл оид ба савдои хизматрасонӣ пеш аз ҳама бояд хусусиятҳои васеъи ҳамкорҳои судманди байни давалтҳо бо гурӯҳҳои ҳамгирои дар бозори хизматрасонӣ ва моликияти зеҳнӣ, рушди истеҳсолот ва инкошофи коммуникатсия дар миқёси байналмилалӣ, пайдоиши ҳалқаҳои нави молрасонӣ ва ҳалқаи байналмилалии тавлиди арзиш дар савдои байналмилалӣ, рушди интенсивии тамоми шаклҳои муносибатҳои тиҷоратӣ, пайдоиши технологияи иттилоотию инноватсионӣ, рушди равандҳои ҳамгироии иқтисодии байналмилалиро дар бар гирад.

Таҳқиқи таҷрибаи хориҷии рушди савдои хизматрасонӣ дар мисоли давлатҳои ИДМ нишон медиҳад, ки дар тӯли бист соли гузашта кишварҳои ИДМ сохтори иқтисодиёти худро ба дараҷаи назаррас тағйир доданд ва аз иқтисодиёти кишоварзӣ ё саноатӣ ба иқтисодии хидматрасонӣ гузаштанд. Аммо, новобаста аз оне, ки ҳиссаи хизматрасониҳо дар сохтори ММД-и давлатҳои ИДМ ба таври назаррас афзоиш ёфт, ҳиссаи миёнаи ин давлатҳо дар соҳаи хизматрасонӣ аз сатҳи миёнаи ҷаҳонии он хеле пасттар аст. Дар диссертатсия дар асоси таҳқиқи ӯҳдадориҳои қабул намудаи давлатҳои ИДМ дар доираи СУС дараҷаи либерализатсияи савдо муқаррар карда шудааст. Тадқиқот нишон медиҳад, ки давлатҳои ИДМ ба ҳисоби миёна қисми зиёди ӯҳдадориҳои СУС-ро оид ба озодсозии бозори хизматрасонӣ қабул намудаанд, ки он дар ҳисоби миёна 103 ӯҳдадориро дар бар мегирад.

**Ҷадвали 1**

**Ӯҳдадориҳои давлатҳои ИДМ дар Созишномаи кулл оид ба савдои хизматрасонӣ**

| | Соли узвият | Зербахшҳо бо ухдадориҳо (n) | Зербахшҳо бе ухдадориҳо (%) | фоизи ӯҳдаддориҳои пурра | фоизи ӯҳдадориҳои қисман | фоизи ӯҳдадориҳои қабулнагардида |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Арманистон | 2003 | 96 | 38.1 % | 38.5 | 3.5 | 58.0 |
| Гурҷистон | 2000 | 124 | 20.0 % | 52.3 | 2.2 | 45.5 |
| Қирғизистон | 1998 | 131 | 15.5 % | 56.9 | 3.8 | 39.4 |
| Қазоқистон | 2015 | 106 | 31.6 % | 25.6 | 20.7 | 53.7 |
| Федератсияи Россия | 2012 | 114 | 26.5 % | 27.7 | 26.3 | 46.0 |
| Тоҷикистон | 2013 | 105 | 32.3 % | 37.2 | 12.8 | 50.0 |

Сарчашма: www.wto.org

Таҳлили қимати шохиси маҳдудиятҳо дар савдои хизматрасонӣ дар давлатҳои ИДМ нишон медиҳад, сарфи назаррас ислоҳоти либералӣ, ки аз оғози солҳои 90-ум татбиқ шудаанд, як қатор бахшҳои хизматрасонӣ ҳоло ҳам дар иқтисодиёти давлатҳои ИДМ пӯшида боқӣ мемонанд.Дар диссертатсия зикр мегардад, ки рушди бадастомадаи хизматрасонӣ дар давлатҳои ИДМ асосан аз ҳисоби озодкунии соҳа ба даст наомада, он дар натиҷаи ҷалби захираҳои табии дар истеҳсолот, истифодаи неруи энергетикии кишварҳо рушд кардаанд. Диссертант қайд намудааст, ки барои мубаддал намудани соҳаи хизматрасонӣ ба як муҳаррики пешбари рушди истеҳсолот ва шуғл зарур шуморида, ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар соҳа ҳавасманд гардонида шавад. Натиҷаи таҳқиқи таҷрибаи давлатҳои ИДМ нишон дод, ки имконияти фароҳам овардаи савдо дар дораи низоми бисёрҷонибаи савдо метавонад муҳити мусоиди савдоро дар давлатҳои ИДМ фароҳам оварда, озодкунии савдои хизматрасонӣ, афзоиши маҳсулнокии дигар соҳаҳои иқтисодиёти кишвар, болоравии содирот ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ мусоидат мекунад.

Таҳқиқи таҷрибаи хориҷии танзими савдои хизматрасониҳо нишон дод, ки мукаммалгардонии сиёсати савдои хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси таъмини реҷаи мусоидтарин метавонад ба модернизатсияи хизматрасониҳои миллӣ мусоидат намуда, дар асосӣ

истифодаи сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ низоми молиявии кишвар инкишоф дода, хароҷоти нақлиётӣ паст карда шуда, қобилияти транзитии кишвар самаранок истифода карда шавад.

Дар навбати худ Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, дар асоси таҷрибаи хориҷӣ ба рушди соҳаи мазкур диққати зиёд дода мавқеи онҳо дар барномаҳои рушди миллӣ ва соҳавӣ дақиқтар намояд. Дар баробари идомаи ислоҳот дар соҳаи танзими судманди соҳа ва истифодаи самараноки имкониятҳои кишвар дар ин самт метавонад соҳаи мазкурро ба яке аз соҳаҳои пешбари иқтисодиёти кишвар мубаддал гардонад. Дар диссертатсия истифодаи ҳаддалимкони бартарияти узвият дар низоми бисёрҷонибаи савдо ҳадафи муҳим барои руши савдои хизмат дар кишвар арзёбӣ гардидааст.

Натиҷаи тахқиқи диссертант оид ба таҷрибаи давлатҳои алоҳида дар озодкунии савдои хизматрасонӣ дар доираи СУС нишон медиҳад, ки таъмини реҷаи миллӣ ва реҷаи ниҳоят мусоидтарин барои давлатҳои шарик имконияти ҷалби сармоягузори хориҷиро дар дохили кишвар вусъат бахшида, иқтидори соҳаи хизматрасониро дучанд мегардонад.

**Муқаррароти сеюм, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, аз коркарди механизми институтсионалии танзими савдои хизматрасониҳо дар шароити иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми бисёрҷонибаи савдо иборат аст.**

Диссертант дар асоси баҳодиҳии асосҳои институтсионалии танзими савдои хизматрасонӣ, меъёрҳои асосии танзимкунандаи соҳаро аниқ намуда, нақши онро дар идоракунии босамари савдои хориҷии хизматрасонӣ ва таҳияи сиёсати савдои хориҷӣ дар бахши хизматрасонӣ муқаррар кардааст.

Таҳлили асосҳои институтсионалии танзими савдои хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки низоми танзими хориҷии хизматрасонӣ дар кишвар ҳоло ба сатҳи зарурӣ мукаммал нагардидааст. Барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти механизми танзими давлатии савдои хизматрасонӣ дар диссертатсия зарурати дақиқсозии самти стратегии рушди он бо дар дазардошти самаранок истифода намудани тамоми захираҳо, мутобиқсозӣ ба тағйирёбии муҳити беруна, таъмини рушди мутавозинӣ ва инноватсионии соҳа, рушди инноватсионии он, бартараф намудани нобаробарии минтақавӣ асоснок карда шудаст.

Дар диссертатсия сатҳи рушди савдои хизматрасонӣ, омили муқараракунандаи некӯаҳволии мардум, инновастсия дар кишвар ва технологияи иттилоотӣ арзёбӣ мегардад. Дар диссертатсия барои ҳалли қисми зиёди масъалаҳои сохторие, ки дар соҳа ҷой доранд мукаммалгардонии механизми институтсионалии танзими савдои он пешниҳод мегардад. Дар механизми таҳиягардида зарурасти танзими давлатии савдои хизматрасонӣ асоснок карда шуда, монеаҳои истифодашаванда дар савдои хизматрасонӣ аниқ ва роҳҳои мукаммалгардонии механизми танзими он таҳия гардидаанд (расми 2).




**Расми 2. Механизми институтсионалии танзими савдои хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Диссертант дар диссертатсия худ самтҳои мукаммалгардонии механизми институтсионалии танзими савдои хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мукаммалгардонии базаи ҳуқуқии танзими соҳа, қабули чораҳо оид ба солимгардонии фаъолияти корхонаҳои каммаҳсули соҳа, таъсиси институтҳои арбитражии идоракунандаи соҳа, ташкили низоми идоракунии озмуни соҳа, қабули барномаҳо оид ба пешгирии ҳолатҳои бӯҳронӣ дар соҳаро пешниҳод намудааст.

**Муқаррароти чоруме, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад, аз арзёбии вазъи муосир ва тамоюли рушди бахши хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.**

Дар диссертатсия динамикаи рушди бахши хизматрасониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи як қатор нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, аз қабили тағйирёбии ҳаҷми хизматрасонӣ дар таркиби ММД, содирот ва воридоти хизматрасонии байналмилалӣ, сатҳи таваррум, шуғл дар бахши хизматрасонӣ арзёбӣ карда шудааст. Таҳқиқи вазъи муосири рушди савдои хизматрасониҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки дар давоми ду даҳсолаи охир бахши хизматрасонӣ аз соҳаи суструшдкарда ба соҳаи рушдкардаистода табдил ёфта, нақши махсусро дар пешрафти иқтисодиёти кишвар мебозад.

Ҳиссаи савдои хизмат дар ҳаҷми умумии савдои хориҷии мол ва хизмат дар дар соли 2019 11%-ро ташкил мекунад. Таҳлили сохтори ҷуғрофии гардиши савдои хориҷии хизматрасонии Ҷумҳурииии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки маҷмӯи шарикони воридотӣ дар солҳои охир давлатҳои хориҷи дур ташкил медиҳанд, ки дар байни онҳо ҳиссаи асосӣ давлатҳои узви СУС рост меояд.

Дар соли 2019 гардиши савдои хориҷии хизматрасониҳои байналмилалӣ 445,37 млн. долл. ИМА-ро ташкил дод, ки нисбати соли 2018 21,8% зиёд аст. Аз ин миқдор 242,2 млн. долл. ИМА ба содироти хизматрасониҳои байналмилалӣ ва 213,8 млн. долл. ИМА ба воридоти хизматрасониҳои байналмилалӣ рост меояд.

**Ҷадвали 2**

**Динамикаи гардиши савдои хориҷии хизматрасониҳои байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, млн. долл. ИМА**

| Нишондиҳандаҳо | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2019/ 2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Гардиши савдои хориҷии хизматрасониҳои байналмилалӣ | 505,92 | 432,82 | 368,29 | 374,23 | 456,00 | 445,37 | 88,03 |
| Содироти хизматрасонии байналмилалӣ | 309,5 | 252,4 | 231,8 | 252,0 | 242,2 | 242,35 | 78,30 |
| Воридоти хизматрасонии байналмилалӣ | 196,4 | 180,4 | 136,4 | 122,2 | 213,8 | 203,02 | 103,37 |

*Сарчашма: *Омории солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (интишороти расмӣ.) Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2020. -С. 375-380*

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар сохтори содироти хизмати байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссаи асосиро хизматрасониҳои боркашонӣ, хизматрасониҳои нақлиётӣ ва хизматрасониҳо дар соҳаи алоқа ташкил мекунанд.

**Ҷадвали 3.**

**Динамикаи содироти хизматрасониҳои байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳаз. долл. ИМА) ба фоиз**

| Нишондиҳанда | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2019/2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми умумии содироти хизмати байналмилалӣ | 309500,8 | 252390,5 | 231825,0 | 252000,5 | 242233,9 | 203019,9 | 65,60 |
| Пахши барномаҳо | 12112,6 | 1918,6 | 1895,8 | 1476,5 | 1741,4 | 2151,47 | 17,76 |
| Хизматрасониҳои боркашонӣ | 23500,0 | 10241,7 | 9558,2 | 11940,2 | 9997,1 | 72740,6 | 309,53 |
| Хизматрасониҳои меҳмонхонаҳо | 1179,5 | 844,9 | 1139,3 | 3051,5 | 4672,0 | 7980,05 | 676,56 |
| Хизматрасониҳои почтавӣ | 300,0 | 143,9 | 403,6 | 565,3 | 286,8 | 101,2 | 33,73 |
| Хизматрасониҳои телефонӣ | 12112,6 | 10670,7 | 8282,8 | 3870,2 | 4192,5 | 6442,3 | 53,19 |
| Хизматрасониҳои агентиҳои сайёҳӣ | 2,9 | 136,4 | 156,3 | 50,7 | 87,7 | 197,54 | 6811,72 |
| Хизматрасониҳо дар соҳаи маориф | 65,0 | 82,6 | 66,9 | 3385,6 | 3613,9 | 8446,8 | 12995,08 |
| Хизматрасониҳои молиявӣ | 1884,5 | 3054,2 | 860,4 | 319,6 | 296,4 | 802,1 | 42,56 |
| Хизматҳо оид ба идораи ҳаракати нақлиёти ҳавоӣ | 4116,4 | 7022,7 | 6348,8 | 7450,1 | 8322,1 | 12887,7 | 313,08 |

**Сарчашма:** Омории солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (интишороти расмӣ.) Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2020. -С. 384.

Таҳқиқот нишон дод, ки дар сохтори асосии воридоти хизмати байналмилалӣ мавқеи асосиро хизматрасониҳои нақлиётӣ, сохтмонӣ, хизматрасонии фурудгоҳҳо, миёнаравии молиявӣ, машваратӣ ва алоқа, ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 4**

**Динамикаи воридоти хизматрасониҳои байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳаз. долл.)***

| Нишондиҳанда | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2019/2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми умумии воридоти хизмати байналмилалӣ | 196421,4 | 180426,9 | 136464,3 | 122232,3 | 213770,7 | 203019,9 | 103,36 |
| Мусофиркашонӣ | 34990,3 | 25314,2 | 24175,5 | 11460,6 | 14403,3 | 23162,14 | 66,20 |
| Хизмати идораи ҳаракати нақлиётӣҳавоӣ | 12068,6 | 6295,4 | 29158,2 | 4126,0 | 5664,3 | 5910,6 | 48,98 |
| Хизмат оид ба исти-фодабарии фурӯдгоҳҳо | 8465,9 | 10209,0 | 12126,2 | 7604,2 | 7404,0 | 13027,83 | 153,89 |
| Боркашонӣ | 1622,7 | 1005,5 | 913,9 | 1319,6 | 28650,7 | 7742,87 | 477,16 |
| Хизмати пӯшта | 99,5 | 132,3 | 97,3 | 1317,1 | 3832,0 | 29,54 | 29,69 |
| Иҷораи воситаҳои нақлиётбосарнишинон | 10328,1 | 16733,7 | 2027,6 | 2789,7 | 1960,5 | 2282,6 | 22,10 |
| Хизмати телефонӣ | 10690,0 | 9304,0 | 7881,0 | 3264,1 | 3764,7 | 5402,1 | 50,53 |
| Хизмати сохтмонӣ | 69760,8 | 79340,7 | 46990,6 | 41525,5 | 43356,2 | 49210,53 | 70,54 |
| Хизмати машваратӣ | 520,9 | 332,3 | 248,4 | 2298,6 | 1453,9 | 275,75 | 52,94 |
| Хизмат оид ба миёна-равиимолиявӣ | 10956,9 | 2880,0 | 2084,9 | 10660,6 | 22645,6 | 7342,63 | 67,01 |
| Хизматҳо дар соҳаи Маориф | 1168,9 | 935,0 | 1145,4 | 1339,6 | 6319,9 | 2463,35 | 210,74 |

*Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (интишороти расмӣ.) Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2020. - С. 385-392.

Дар диссертатсия зикр мегардад, ки дар бозори байналмилалии хизмат Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан ба ҳайси воридкунандаи софи хизматрасонӣ баромад менамояд, ки аз ин тавозуни доимии манфӣ хизматрасонӣ гувоҳӣ медиҳад. Ин пеш аз ҳама ба сатҳи пасти рушди инфрасохтори сайёҳӣ, заифии ташкилотҳои молиявӣ, машваратӣ, аудиторӣ ва дигар ташкилотҳо, ки қобилияти пешниҳоди хизматрасониҳои муайянро бо сатҳу сифати баланд ба хориҷиён надоранд алоқаманд аст.

Диссертант хулоса намудааст, ки новобаста аз мушкилоти ҷойдошта, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои асосӣ барои рушди савдои хизматрасонӣ фароҳам оварда шудаанд ва дар даврони истиқлолият башхи хизматрасонӣ ба яке аз соҳаҳои пешбари иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мубаддал гардидааст. Барои баланд бардоштани иқтидори содироти хизмати байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур шуморида шудааст, ки иқтидори содиротии корхонаҳои хурд ва миёна баланд бардошта шуда дастгири комплексии молиявӣ, иттилоотӣ ва ташклилии онҳо ба роҳ монда шаванд.

**Муқаррароти панҷуме, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, аз ошкорсозии роҳҳои асосии баланд бардоштани рақобатпазирии содироти хизматрасониҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст.**

Барои рушди минбаъдаи савдои хориҷии хизмат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон диссертант зарур шуморидааст, ки муҳити заруриии барои рушди шаклҳои муосири хизматрасонии байналмилалӣ аз қабили хизматрасониҳо дар соҳаи истифодаи технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионӣ, хизматрасноиҳои илмтабал, ки бештар даромадноканд чораандешӣ карда шавад. Ин аз як тараф ба рушди устувори савдои хизматрасонӣ дар ҷумҳурӣ ва зиёд гардидани ҳиссаи он дар сохтори ММД мусоидат менамояд аз тарафи дигар ба мукамалгардии сохтори бахши воқеии иқтисодиёт оварда мерасонад.

Дар боробари ин қайд намуддааст, ки оид ба вусъатдиҳии сохтори ҷуғрофии содирот, азхудкунии бозорҳои нав бо истифода аз механизмҳои СУС, рушди инфрасохтори савдои берунаи хизмат, тамини дастгирии давлатии соҳа, исттифодаи ҳадалимкони имкониятҳои ширкатҳои ватании хизматрасон дар хизматрасонии анбуҳҳои содиротӣ, фаъолгардонии ҳамкорӣ дар ин самт чораҳои зарурӣ андешида шавад.

Таҳлили гузаронидашудаи ӯҳдадариҳои кабулкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми шомил шудан ба низоми бисёрҷанбаи савдо нишон медиҳад, ки дар савдои хизматрасонии кишвар бештар реҷаи озоди савдоро интихоб ва ба роҳ монда дар навбати худ баъзе соҳаҳои ҳассоси хизматрасониро сайъ намудааст ба дараҷаи зарурӣ ҳифз намояд.

Таҳлили вазъи соҳа нишон медиҳад, ки узвият ба СУС кушодашавии бозорҳои хориҷӣ барои таҳвилкунандагони хизмати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мусоидгардонии вазъи тавозуни савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда нарасонидааст. Дар соҳаҳои хизматрасонӣ ҳолатҳои омода набудани пешкашкунандагони хизмат барои рақобати озод дар шароити нисбатан кушоди иқтисодиёт ба чашм мерасад. Аз ин рӯ барои ҳадди ақал расонидани оқибатҳои

манфиии узвитят дар соҳаҳои барои гузаронидани ислоҳоти пурра тақозои вақти иловагӣ зарур шуморида мешавад.

Дар диссертатсия барои баланд бардоштани самаранокии узвияти Ҷумҳурии Тоҷикстон дар низоми биёрҷонибаи савдо ва кам кардани оқибатҳои манфии озодкунии савдо дар бахши хизматрасонӣ афзал шуморида шудааст чунин чораҳо амалӣ карда шавад:

- тадбири чораҳо оид ба баланд бардоштани дараҷаи назарраси рақобатпазирии пешкашкуннадагони ватанӣ дар бахшҳои сертақозои хизматрасониҳои байналмилалӣ;

- баланд бардоштани дастрасии таҳвилкуннадагони хориҷии хизматрасонии бонкӣ дар маблағгузории соҳаҳои воқеии истеҳсолот ва амалисозии лоиҳаҳои бузурги иқтисодӣ дар кишвар;

- вобаста аз имкониятҳои СУС зиёд намудани содироти хизматрасониҳои байналмиалӣ бо амалисозии шаклҳои муосири пешниҳоди он тариқи ҳузури тиҷоратӣ ва истеъмолот дар хориҷа;

- истифодаи имкониятҳои васеъи соҳаи маорифи кишвар дар таълими шаҳрвандони хориҷӣ ва баланд бардоштани ҳиссаи содироти чунин хизматрасониҳо дар сохтори умумии содироти хизматрасониҳои байналмилалӣ;

- қабули чораҳо оид ба таъмини амнияти иқтисодии кишвар ба воситаи назорати мунтазами оқибатҳои зиёдшавии таъминкунандагони хориҷӣ дар дохили кишвар;

- қабули чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани содироти хизматрасониҳои тиббӣ дар кишвар вобаста ба истифодаи самараноки иқтидорҳои табобатию-осоишӣ дар дохили он;

- ба роҳ мондани дастгирии машваритию иттилотти таҳвилкунандагони ватании хизмат аз тарафи муттахассисоне, ки аз принсипҳо, воситаҳо ва имкониятҳои СУС бештар воқифанд;

Диссертант аз натиҷаи ин муқаррароти пешниҳодшуда хулоса намудааст, ки озодкунии тиҷорат дар доираи низоми бисёрҷонибаи савдо наметавонад тариқи худкор ба рушди фаъолнокии соҳибкорӣ, технология, баланд бардоштани тахассуснокии кадрҳо дар соҳаи хизматрасонӣ, ташаккулёбии бозори рушдкардаи соҳа бе амалисозии барномаҳои иловагӣ мусоидат намояд. Расидан ба чунин мақсадҳо пеш аз ҳама ба дастгирии давлатии соҳа, мукаммалгардонии сиёсати макроиқтисодии кишвар, мусоидгардонии фазои сармоягузорӣ, рушди механизмҳои бозорӣ ва ғайра алоқаманд аст.

Собит карда шудааст, ки афзалиятҳои асосии СУС барои рушди соҳаи хизматрасонӣ асосан дар давраи дарозмуҳлат бо амалисозии чораҳои иловагии рушди соҳа ноил гардида мешавад, ки он ба пуррагӣ метавонад оқибатҳои манфии онро дар давраи кутоҳмуҳлат ҷуброн намояд. Аз ин рӯ пешкашкунандагони ватании хизматро зарур меояд, дар шароити эҳсоси мушкили дар даврони аввали узвият ба СУС, ҳиссаи худро дар бозор нигоҳ дошта ояндабинии худро аз рӯи имкониятҳои фароҳамовардаи ин созмон дар давраи дарозмӯҳлат мутобиқ гардонад.

Дар диссертатсия дараҷаи рақобатпазирии савдои хориҷии хизматрасонӣ аз рӯи дараҷаи консентратсияи содироти хизмат (ХТС), ҳиссаи давлат дар содироти ҷаҳонӣ (OES), бартарияти нисбии ошкоргардидаи давлат (RCA) дар хизматрасонӣ муқаррар карда шудааст.

$$OES = \frac{x_{ij}}{\sum_{i=1}^{n} x_{ij}} \quad (1)$$

$$X\text{TC} = \frac{\frac{x_{ij}}{\sum_{i=1}^{m} x_{ij}}}{\sum_{j=1}^{n} \frac{x_{ij}}{\sum_{i=0}^{m} x_{ij}}} * 100 = \frac{r_{ij}}{\sum_{j=1}^{n} r_{ij}} * 100 = \frac{r_{ij}}{n\overline{r_{ij}}} * 100 \quad (2)$$

$$RCA_{ij} = \frac{\frac{x_{ij}}{\sum_{j=1}^{n} x_{ij}}}{\frac{\sum_{i=1}^{m} x_{ij}}{\sum_{j=1}^{n}\sum_{i=1}^{m} x_{ij}}} * 100 \quad (3)$$

ҳангоме, ки

*OES* - ҳиссаи давлат дар содироти ҷаҳонӣ;

$X_{ij}$ - содироти хизматрасонии I дар давлати j;

$\sum_{i=1}^{n} X_{ij}$ -содироти умуми хизматрасонии i.

*XTC* - ҳиссаи тасҳеҳшудаи содирот;

*r*j - ҳиссаи давлати j дар содироти хизматрасонии i дар содироти m-хизматрасониҳо (ё дараҷаи консентратсияи содирот);

$n\overline{r_{ij}}$ - дараҷаи миёнаи консентратсияи содирот дар гурӯҳи давлатҳо дар умум;

